“Маориф ва маданият” N13 (3087),
панҷшанбе 30 январи 1969, саҳ. 3.

# МАШАҚҚАТНОПИСАНД

Дохундаю Гулнор, Пулоду Гулрӯ, Ҳасану Садаф кайҳост, ки дар сарҳалқаи ҷавонони тоҷик қарор гирифтаанд. Онҳо на ин ки ба хонандагони тоҷик, балки ба тамоми ҷавонони пешқадами бисёр мамлакатҳои дунё мунису ғамхоранд, маслиҳатгари беминнати доимианд, чароғбардорони роҳи зиндагианд.

Бо ҷасорате гуфтан мумкин аст, ки ба ин силсилаи дустони маънавии мо образи наве зам гардид, ки он Карима аст.

Мутеулло Наҷмиддинов аз ҷумлаи адибони ҷавони тоҷик ҳисоб меёбад. У ба майдони адабиёти муосири тоҷик чун нигорандаи жанрҳои ҳикояту очерк қадам гузоштааст. Хонандагон ӯро ба туфайли «Ғуломи сарбаланд», «Якраҳа», «Шаби чупони куҳансол» ва дигар асарҳояш мешинохтанд. Инак, нахустин асари ҳаҷман калони у повести “Дарё маҷрои нав меҷуяд» дастраси муштоқони каломи бадеъ гардид.[1]

Маълум аст, ки ҳар як нависанда ва умуман санъаткор, пеш ҳама мавзӯи дустдоштатарини худро дорад. Асарҳои М. Наҷмиддинов зиндагӣ ва кору бори бинокорон, пахтакорон, чорводоронро акс мекунанд, ки ба ин нахустин маҷмуаи у «Одамони сарбаланд» (соли 1963) равшан шаҳодат медиҳад. Аммо диққати ӯро ҳаёти пурмашаққат, вале шарафманди чорводорон бештар ҷалб кардааст, ки ин аз очерку ҳикоятҳои ӯ - “Шаби чупони куҳансол» (1958), «Якраҳа» (1960), «Дар роҳҳои морпеч» (1960), «Ҳоло вай директор нест» (1962) намудор аст.

Ин фикрро чунин далел боз мустаҳкамтар менамояд, ки нависанда дар асоси мушоҳидаю таҷрибаи ҷамънамудааш аввалин повесташро ба мавзӯи рузгори чорводорон бахшидааст. Зимнан, бояд гуфт, ки дар ин китоб ба ғайр аз повест боз ҳафт ҳикояту очерк ҷой дода шудаанд, ки онҳо низ аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷа, ҳатто образу персонажҳо ба повест марбутанд. Каҳрамони асосии асар - Карима Сангинова аст. Карима духтарест, ки маълумоти олӣ дорад, зиндагии бароҳати шаҳр, мансаби масъули идораи калонро нигоҳ накарда, ба деҳа меравад. Совхозе, ки у зоотехники он таъин шуда буд, дар ному шӯҳрат овоза дошт, аммо мардуми он ҷо дар ҳақиқати зиндагӣ, дар маданияти зиндагӣ хеле қафомонда буд.

[1] М. Наҷмиддинов. Дарё маҷрои нав меҷуяд». Душанбе, «Ирфон». 1968, 262 саҳифа.

Карима ҷорикунандаи рузгори нав, ташвиқкунандаи маданият аст. Чун духтари бомаърифату ҷасур барои равнақи анъанаҳои беҳтарини халқ, барои решакан намудани урфу одатҳои ношоиста ва дин мубориза мебарад. Аммо мамониату рақобат ҳарифони басо пурзӯранд. Карима - каҳрамони афсонавӣ нест, ки тамоми мамониатҳоро дар як мижа задан бартараф карда, барои худ роҳи васеъ кушояд. У - одам аст, як нафар духтар. Аммо хислатҳои наҷиби ӯ ақлу кордонӣ ва махсусан, далерию ҷасурии у болу параш мебахшанд, ба ғалабаҳо ҳидояташ мекунанд.

Усули кори зоотехник, муборизаи у барои тарзи нави зиндагӣ ба обрую эътибори директор Бободустов футур наоварда наметавонанд. Инро директор нагз мефаҳмад ва бинобар ин, аввало, барои ислоҳаш ва сониян, барои ронданаш бисёр мекушад. Бободустов одами калон аст - аввалин барпокунандаи колхоз, қаҳрамон, депутат, аъзои ҳукумат... Вале у дар охирҳои умр саргарми шуҳрат, номи баланд гардидааст. Ба қаллобию фиребгарӣ роҳ медиҳад, барои обру аз иҷрои супоришҳо ҳисоботи бардуруғ медиҳад, ба чашми партия, давлат ва халқ хок мепошад, лекин касе пишаки уро пишт гуфта наметавонад, чунки у одами номдор аст. Аммо рафта-рафта, дар натиҷаи кӯшишҳои фаъолонаи Карима, котиби ташкилоти партиявии совхоз Абдуллоҷон Ҳамзаалиев ва дигарон тамоми камбудиҳо ошкор мешаванд ва чунон ки мегуянд “ҳақ ба ҳақдор қарор мегирад”.

Образи Каримаро аз бозьёфтҳои намоёни насри бадеии муосир шумурдан мумкин аст. Дар ин образ хислатҳои наҷиби каҳрамондухтарони адабиёти солҳои бистуму сийум Гулнор, Фотима, Гулру дар шакли мукаммалёфта таҷассум гардидаанд. Карима ҳамон муборизаҳои он духтарони ҷасурро дар замони мо давом медиҳад.

Характери Карима мувофиқи тақозо ва имкониятҳои жанри повест возеҳ ва таъсирбахш тасвир ёфтааст.

Нависанда бо образи Бободустов бисёр бо мулоҳиза рафтор карда, тамоми хислату характери уро тадриҷан ва мантиқан баён мекунад. Аз персонажҳои дигари повест бошад симои Қаҳҳорро иҷмолан ҳам, таъкид накардан мумкин нест. Ин образ, кобили таваҷҷуҳ аст, зеро он аз фарди комилан манфӣ ба шахси сазовори даврони мо мубаддал мегардад. Ин шахси дар ибтидо дағал, баддаҳан, оилабезор, арақхӯр, аз қабоҳатҳои Бободустов бохабар буд. Лекин у дар натиҷаи рафтори мардона ва кирдори заковатмандонаи Карима, таънаю сарзанишҳои чӯпонҳои пешқадам тағйир меёбад, дигар мешавад. Бояд гуфт, ки дар табаддулоти маънавии Қаҳҳор ва тарбияи ахлоқи ӯ на панду ҳикматҳо, балки пеш аз ҳама, покдоманӣ ва

рафтори мардонаи Карима роли хеле калон мебозанд, ки инро комёбии нависанда шумурдан мумкин аст.

Дар хусуси забони асар бояд кушоду равшан гуфт, ки он салису латиф ва лирикӣ нест. Забону тарзи баён, чунон ки маълум аст, ба рӯҳу жанр ва мавзуи асар вобаста аст, ки ин мувофиқати томро дар «Дарё маҷрои нав меҷӯяд» низ мушоҳида менамоем. Ибораву ҷумла ва услуби ин повест мувофиқи тақозои мавзӯи асар ва характери каҳрамону персонажҳо вазнин, басолор ва гоҳе дуруштанд, ки ба ин гуфтугузорҳои Каҳҳор мисоли барҷаста шуда метавонанд.

Нависанда дар ҷойҳои даркорӣ аз ҳикматҳои халқӣ дуруст истифода кардааст ва гоҳ-гоҳе ҳикматҳои камистеъмолро низ дохил намудааст, ки аз ҷумла «гурусна нолону серон сангдил мебинам» (97), «дӯстро қадр накунад, худашро беқадр кунад» (120) ва дигарҳо мебошанд. Аммо дар китоб ба фикри мо, баъзе калимаю таъбирҳои таҳрирталаб вомехуранд аз қабили «чойники тунука» (5), «аз кӯрпа хестан» (6) («аз ҷогаҳ» беҳтар аст), «салом карда» (13) («салом дода» авлотар менамояд), «намунаи ибратбахш» (15), «мия» (18), (ба ҷои «майна»), «анча» (33), «канори сандалӣ» (139), (“кодок” маъмултар), «кавурдок» (148) (ба ҷои «гӯштбирён»), «пӯсти бе сифат» (171) (ба ҷои «пастсифат»), «як лаҳм гӯшт» (187) (ба маънии фарзанд, одатан, дар ин маврид “як порча гӯшт”), “нохун” ва амсоли инро кор мефармоянд), «равғани гусфандӣ» (200) (ба ҷои «...дунба»), «ҳар чи гуед, нури дидаю тоҷи сар» (200) (дар урфият бештар «...болои дида» мегуянд).

Дар асар баъзе ноқисҳои дуйюмдараҷа, аз қабили такрори маънӣ (чунончи, саҳ. 69-70; 80 102; 126), ҷумла (саҳ. 138, 215) дучор меоянд, ки онҳо ба сифати асар таъсири чиддие расонида наметавонанд.

Повести аввалини Мутеулло Наҷмиддинов ҳам аз ҷиҳати зарурати мавзӯъ, ҳам аз ҷиҳати характеру образҳо, ҳам аз нуқтаи назари пухтагии ғоявию бадеӣ шоистаи таваҷҷуҳи махсусест. Ин асар, ки дар тарбияи маънавию мадании ҷавонон, алалхусус, мардуми деҳоти мо, бешубҳа, аҳамияти зиёде хоҳад дошт, ба сӯи камолоти эҷодӣ қадами бузург гузоштани соҳиби онро равшан нишон медиҳад.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ**

«Маориф ва маданият»
№13 (3087), панҷшанбе 30 январи 1969, саҳ. 3

# МАШАҚҚАТНОПИСАНД

Дохундаю Гулнор, Пӯлоду Гулрӯ, Ҳасану Садаф кайҳост, ки дар сарҳалқаи ҷавонони тоҷик қарор гирифтаанд. Онҳо на ин ки ба хонандагони тоҷик, балки ба тамоми ҷавонони пешқадами бисёр мамлакатҳои дунёи мӯнису ғамхоранд, маслиҳатгари беминнати доимианд, чароғбардорони роҳи зиндагианд.

Бо ҷасорате гуфтан мумкин аст, ки ба ин силсилаи дӯстони маънавии мо образи наве зам гардид, ки он Карима аст.

Мутеулло Наҷмиддинов аз ҷумлаи адибони ҷавони тоҷик ҳисоб меёбад. Ӯ ба майдони адабиёти муосири тоҷик чун нигорандаи жанрҳои ҳикояту очерк қадам гузоштааст. Хонандагон ӯро ба туфайли «Ғуломи сарбаланд», «Якраҳа», «Шаби чӯпони куҳансол» ва дигар асарҳояш мешиносанд. Инак, нахустин асари ҳаҷман калони ӯ — повести «Дарьё маҷрои нав меҷӯяд» дастраси муштоқони каломи бадеъ гардид[1].

Маълум аст, ки ҳар як нависанда ва умуман санъаткор, пеш аз ҳама, мавзӯи дӯстдоштатарини худро дорад. Асарҳои М. Наҷмиддинов зиндагӣ ва кору бори бинокорон, пахтакорон, чорводоронро акс мекунанд, ки ба ин нахустин маҷмӯаи ӯ «Одамони сарбаланд» (соли 1963) равшан шаҳодат медиҳад. Аммо диққати ӯро ҳаёти пурмашаққат, вале шарафмаҷди чорводорон бештар ҷалб кардааст, ки ин аз очерку ҳикоятҳои ӯ — «Шаби чӯпони куҳансол» (1958), «Якраҳа» (1960), «Дар роҳҳои морпеч» (1960), «Ҳоло вай директор нест» (1962) намудор аст. Ин фикрро чунин далел боз мустаҳкамтар менамояд, ки нависанда дар асоси мушоҳидаю таҷрибаи ҷамънамудааш аввалин повестаашро ба мавзӯи рӯзгори чорводорон бахшидааст. Зимнан, бояд гуфт, ки дар ин китоб ба ғайр аз повесть боз ҳафт ҳикояту очерк ҷой дода шудаанд, ки онҳо низ аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа, ҳатто образу персонажҳо ба повесть марбутанд.

Қаҳрамони асосии асар — Карима Сангинова аст.

Карима — духтарест, ки маълумоти олӣ дорад, зиндагии бароҳати шаҳр, мансаби масъули идораи калонро нигоҳ накарда, ба деҳа меравад. Совхозе, ки ӯ зоотехники он таъин шуда буд, дар ному шӯҳрат овоза дошт, аммо мардуми он ҷо дар ҳақиқати зиндагӣ, дар маданияти зиндагӣ хеле қафомонда буд.

Карима — ҷорикунандаи рӯзгори нав, ташвиқкунандаи маданият аст. Чун духтари бомаърифату ҷасур барои равнақи анъанаҳои беҳтарини халқ, барои решакан намудани урфу одатҳои ношоиста ва динӣ мубориза мебарад. Аммо мамониату рақобат ҳарифони басо пурзӯранд. Карима — қаҳрамони афсонавӣ нест, ки тамоми мамониатҳоро дар як мижа задан бартараф карда, барои худ роҳи васеъ кушояд. Ӯ — одам аст, як нафар духтар. Аммо хислатҳои наҷиби ӯ — ақлу кордонӣ ва махсусан, далерию ҷасурии ӯ болу параш мебахшанд, ба ғалабаҳо ҳидояташ мекунанд.

Усули кори зоотехник, муборизаи ӯ барои тарзи нави зиндагӣ ба обрӯю эътибори директор — Бободӯстов футур наоварда наметавонанд. Инро директор нағз мефаҳмад ва бинобар ин, аввало, барои ислоҳаш ва сониян, барои ронданаш бисёр мекӯшад. Бободӯстов одами калон аст — аввалин барпокунандаи колхоз, қаҳрамон, депутат, аъзои ҳукумат... Вале ӯ дар охирҳои умр саргарми шӯҳрат, номи баланд гардидааст. Ба қаллобию фиребгарӣ роҳ медиҳад, барои обрӯ аз иҷрои супоришҳо ҳисоботи бардурӯғ медиҳад, ба чашми партия, давлат ва халқ хок мепошад, лекин касе пишаки ӯро пишт гуфта наметавонад, чунки ӯ одами номдор аст. Аммо рафтарафта, дар натиҷаи кӯшишҳои фаъолонаи Карима, котиби ташкилоти партиявии совхоз Абдуллоҷон Ҳамзаалиев ва дигарон тамоми камбудиҳо ошкор мешаванд ва чунон ки мегӯянд, «ҳақ ба ҳақдор қарор мегирад».

Образи Каримаро аз бозьёфтҳои намоёни насри бадеии муосир шумурдан мумкин аст. Дар ин образ хислатҳои наҷиби қаҳрамондухтарони адабиёти солҳои бистӯму сиюм — Гулнор, Фотима, Гулрӯ дар шакли мукаммалёфта таҷассум гардидаанд. Карима ҳамон муборизаҳои он духтарони ҷасурро дар замони мо давом медиҳад.

Характери Карима мувофиқи тақозо ва имкониятҳои жанри повесть возеҳ ва таъсирбахш тасвир ёфтааст.

Нависанда бо образи Бободӯстов бисёр бо мулоҳиза рафтор карда, тамоми хислату характери ӯро тадриҷан ва мантиқан баён мекунад.

Аз персонажҳои дигари повесть симои Қаҳҳорро иҷмолан бошад ҳам, таъкид накардан мумкин нест. Ин образ қобили таваҷҷӯҳ аст, зеро он аз фарди комилан манфӣ ба шахси сазовори даврони мо мубаддал мегардад. Ин шахси дар ибтидо — дағал, баддаҳан, оилабезор, арақхӯр, аз қабоҳатҳои Бободӯстов бохабар буд. Лекин ӯ дар натиҷаи рафтори мардона ва кирдори заковатмандонаи Карима, таънаю сарзанишҳои чӯпонҳои пешқадам тағйир меёбад, дигар мешавад. Бояд гуфт, ки дар табаддулоти маънавии Қаҳҳор ва тарбияи ахлоқии ӯ на панду ҳикматҳо, балки пеш аз ҳама, покдоманӣ ва рафтори мардонаи Карима роли хеле калон мебозанд, ки инро комьёбии нависанда шумурдан мумкин аст.

Дар хусуси забони асар бояд кушоду равшан гуфт, ки он салису латиф ва лирикӣ нест. Забону тарзи баён, чунон ки маълум аст, ба рӯҳу жанр ва мавзӯи асар вобаста аст, ки ин мувофиқати томро дар «Дарьё маҷрои нав меҷӯяд» низ мушоҳида менамоем. Ибораву ҷумла ва услуби ин повесть мувофиқи тақозои мавзӯи асар ва характери қаҳрамону персонажҳо вазнин, басолор ва гоҳе дурушттанд, ки ба ин гуфтугузорҳои Қаҳҳор мисоли барҷаста шуда метавонанд.

---

1 *М. Наҷмиддинов. «Дарьё маҷрои нав меҷӯяд», Душанбе, «Ирфон», 1968, 262 саҳифа.*

Нависанда дар ҷойҳои даркорӣ аз ҳикматҳои халқӣ дуруст истифода кардааст ва гоҳ-гоҳе ҳикматҳои камистеъмолро низ дохил намудааст, ки аз ҷумла «гурусна нолону серон сангдил мебинам» (97), «дӯстро қадр накунад, худашро беқадр кунад» (120) ва дигарҳо мебошанд. Аммо дар китоб, ба фикри мо, баъзе калимаю таъбирҳои таҳрирталаб вомехӯранд— аз қабили «чойники **тунука»** (5), «аз кӯрпа хестан» (6) («аз ҷогаҳ» беҳтар аст), «салом **карда»** (13) («салом дода» авлотар менамояд), «намунаи ибратбахш» **(15),** «мия» (18), (ба ҷои «майна»), «анча» (33), **«канори** сандалӣ» (139), («кодок» маъмултар), **«кавурдок»** (148) (ба ҷои «гӯштбирьён»), «пӯсти бе сифат» (171) (ба ҷои «пастсифат»), «як **лаҳм** гӯшт» (187) (ба маънии фарзанд, одатан, дар ин маврид «як порча гӯшт»), «нохун» ва амсоли инро кор мефармоянд), «равғани гӯсфандӣ» (200) (ба ҷои «...думба»), «ҳар чи гӯед, нури дидаю тоҷи сар» (200) (дар урфият бештар «...болои дида» мегӯянд).

Дар асар баъзе ноқисҳои дуйӯмдараҷа, аз қабили такрори маънавӣ (чунончи, саҳ. 69—70; 80; 102; 126), ҷумла (саҳ. 138, 215) дучор меоянд, ки онҳо ба сифати асар таъсири ҷиддие расонида наметавонанд.

Повести аввалини Мутеулло Наҷмиддинов ҳам аз ҷиҳати зарурати мавзӯъ, ҳам аз ҷиҳати характеру образҳо, ҳам аз нуқтаи назари пухтагии ғоявию бадеӣ шоистаи таваҷҷӯҳи махсусест. Ин асар, ки дар тарбияи маънавӣ ва мадании ҷавонон, алалхусус, мардуми деҳоти мо, бешубҳа, аҳамияти зиёде хоҳад дошт, ба сӯи камолоти эҷодӣ қадами бузург гузоштани соҳиби онро равшан нишон медиҳад.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ.**